«ТАСДИҚ МЕНАМОЯМ»
Ректори Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор
__________ Қурбонзода М.Р.
«__18__» ____03____ 2025 с.

**ТАҚРИЗИ**
**муассисаи пешбар ба диссертатсияи Хоҷаев Ҳикматулло Ҳимматович дар мавзуи «Тундгарои динӣ ва паҳншавии он дар шароити тағйирпазирии ҷомеа (таҷрибаи Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ**

**Мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба ихтисос ё соҳаи илми эълоншуда.** Диссертатсияи Хоҷаев Ҳикматулло Ҳимматович дар мавзуи «Тундгароии динӣ ва паҳншавии он дар шароити тағйирпазирии ҷомеа (таҷрибаи Тоҷикистон)» бо шиносномаи ихтисоси 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ мутобиқат менамояд ва таҳқиқоти анҷомдодаи довталаб дар рушди илмҳои сиёсӣ мусоидат мекунад. Дар банди 7-уми шиносномаи ихтисоси мазкур «Нақши дин дар ҷомеа», «Мазҳабҳои динии замони муосир», «Ҷараёнҳои динии тоталитарӣ», «Масъалаи алоқамандии ҳокимияти динӣ ва дунявӣ дар таълимоти гуногуни динӣ» барои таҳқиқ пешбинӣ шудаанд.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқоти илмӣ.** Тундгароии динӣ яке аз масъалаҳои мураккаб ва пурпечидаи замони муосир ба шумор меравад. Як қатор давлатҳои олам, пеш аз ҳама, кишварҳои тозаистиқлол бо ин зуҳуроти номатлуб рӯ ба рӯ ҳастанд ва кӯшиши безарар гардонидану аз байн бурдани онро доимо анҷом медиҳанд. Тундгароии динӣ яке аз ҷиддитарин таҳдид ба тамаддуни муосир буда, бештар аз ҳама ба субот ва рушди мусолиҳатомези ҷомеаи башарӣ хатар дорад. Тундгароии динӣ маъмулан дар шакли амали ифротии тахрибии иҷтимоӣ зоҳир шуда, ба амнияти давлат ва ба рушди босуботи ҷомеа таъсир мерасонад. Дар баробари ин, бояд ёдовар шуд, ки зуҳури терроризм низ дар заминаи ғояҳои тундгароии динӣ пайдо гардида, ба суботи ҷомеа таъсири манфӣ расонида, дар рушди бомароми мамлакат метавонад монеа эҷод намояд. Айни замон тундгароии динӣ ва муқовимат ба он ҳам барои давлатҳои алоҳида ва ҳам барои ҷомеаи ҷаҳонӣ яке аз муҳимтарин масъалаҳои тамаддуни муосир мебошад. Миқёс ва ҷанбаи амалҳои террористии солҳои охир аз он шаҳодат медиҳанд, ки тундгароён ва террористон моҳият ва тарзи амали худро тағйир дода, ба як зуҳуроти глобалӣ табдил ёфтаанд.

Бо дарназардошти гуфтаҳои боло мубрамии омӯзиши мавзуи мазкур саривақтӣ буда, дар самти мубориза бо ин падидаи номатлуб заминаи мусоид фароҳам меоварад. Танҳо дар асоси таҳлилу таҳқиқи паҳлуҳои гуногуни он барои бартараф намудани оқибатҳои ногувори он метавон тавсияҳои амалӣ пешниҳод намуд. Мубрамияти омузиши мавзуъ низ бо чунин вазъият асоснок карда мешавад. Ҳамзамон бояд ёдовар шуд, ки сиёсишавии дин ва зуҳури ифротгароии динӣ руҳияи тундгароии ҷавононро ба миён оварда, дар самти таҳкими давлатдории миллӣ таҳдиду хатарҳои нав ба навро эҷод намуда истодааст. Махсусан, ҷавонони Тоҷикистон, ки қишри осебпазири ҷомеа ба шумор меравасанд, аз ҳама бештар зери таъсири ғояҳои ифротгароӣ ва тундгароии динӣ қарор гирифта, дар муқобили манфиатҳои миллӣ ва суботи сиёсии кишвар равона карда мешаванд. Аз ин рӯ, барои ҳалли масъалаҳои марбут ба тундгароии динӣ, бахусус барои баланд бардоштани самаранокии муқовимат бо ин зуҳурот омӯзишу пажӯҳиши паҳлуҳои гуногуни он зарур мебошад.

**Саҳми илмии довталаб дар ҳалли масъалаи илмӣ ё коркарди проблемаи илмӣ бо арзёбии аҳамияти он.** Саҳми илмии довталаб дар ҳалли масъалаи илмӣ ё коркарди проблемаи илмӣ дар омӯзиши минбаъдаи ин масъала ва аз ҷиҳати назариявию амалӣ аҳамиятнок будани таҳқиқоти мазкур асоснок карда мешавад. Довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ тавонистааст, ки ҷанбаҳои назариявии мавзуъро дар сатҳи консепсияҳои илмӣ таҳлил намояд. Бояд махсус ёдовар шуд, ки ҷанбаҳои назариявию методологии таҳқиқоти анҷомдодаи довталаб хеле қавӣ мебошад. Зеро барои коркарди ин паҳлуи масъала доираи васеи адабиёти илмию назариявии олимони дохилию хориҷиро истифода намудааст.

Дар боби якуми диссертатсия моҳият ва хусусиятҳои бевоситаи тундгароии динӣ, инчунин сабабҳои пайдоиш ва заминаҳои ташаккулёбии он мавриди омӯзиш қарор дода шудааст. Дар ин қисми таҳқиқот муаллиф дар заминаи омӯзиш ва таҳлили адабиёти илмӣ ва баррасии назарияҳои сиёсӣ мафҳум, моҳият ва хусусиятҳои бевоситаи тундгароии диниро мавриди таҳқиқ қарор додааст. Дар зербоби 1.1. инчунин омилҳои дохилию берунии мусоидаткунандаи тундгароии динӣ низ баррасӣ шудаанд. Дар зербоби 1.2. муаллиф заминаҳои ташаккулёбӣ ва сарчашмаҳои идеявию ғоявии тундгароии диниро мавриди таҳлилу баррасӣ қарор додааст. Ба андешаи муаллифи рисола, сарчашмаҳои ғоявие, ки истифодаи экстермизму терроризм ва умуман ҳар гуна усулҳои номатлубу даҳшатафканро «ҷомаи шаръӣ мепӯшонанд», на таълимоти Қуръон ва аҳодиси набавӣ, балки консепсияҳои тундгароёнае мебошанд, ки аз тарафи бархе олимону донишмандони мутаассиби асримиёнагӣ ва замони нав тарҳрезӣ шуда, дар онҳо таҳаммулнопазирӣ ва муборизаи беамон ба муқобили пайравони дину мазҳабҳои дигар ва кишварҳои ғайриисломӣ таблиғ карда шудааст. Тарроҳон ва муаллифони консепсияҳои асоноккунанда ва таблиғкунандаи зӯроварӣ ва экстремизми динӣ барои ба доми найранги худ даровардани оммаи васеи мусулмонон ва шӯронидани онҳо ба муқобили миллатҳо ва кишварҳои

ғайриисломӣ таълимоти Қуръон ва аҳодиси набавиро муғризона, барғалат ва мутобиқи ғаразҳои динӣ–сиёсии худ тафсир намуда, бо ин роҳ дар мафкураи мусулмонон кинаю душманӣ, нобоварӣ ва таҳаммулнопазирӣ нисбат ба миллатҳо ва кишварҳои ғайриисломиро эҷод мекарданд.

Дар боби дуюми диссертатсия як қатор масъалаҳои мубрами ҷомеаи Тоҷикистон мавриди омӯзиш қарор гирифта, дар он бештар масъалаи ташаккулёбии маданияти сиёсию ҳуқуқии ҷавонон, паҳн гардидани ғояҳои тундгаройӣ ва ифротгаройӣ тариқи шабакаҳои иҷтимоӣ дар муҳити ҷавонон ва роҳу воситаҳои пешгирӣ намудани ин падидаи номатлуб баррасӣ гардидаанд. Дар зербоби 2.1. таъкид шудааст, ки маданияти сиёсӣ ба чунин падидаи ҳаёти маънавии мардум таалluқ дорад, ки ба ҷанбаҳои хеле гуногуни ҳаёти сиёсии он таъсири назаррас расонида, ба асоси он метавон дар бораи камолоти сиёсии ҷомеа қазоват кард. Рушди рӯзафзуни таърихи сиёсии ҷомеаи башарӣ – на танҳо шаклгирӣ ва рушди давлат, истиқрор ва ивазшавии ин ё он шакли сохтор ва идоракунии он, режимҳои сиёсӣ ва низоми сиёсӣ, балки инкишофи субъектҳои иҷтимоии сиёсат – шахсият, гурӯҳҳои гуногуни аҳолӣ ва умуман ҷомеа низ мебошад. Муаллиф дар асоси таҳлили амиқи омилҳои иҷтимоӣ – сиёсӣ ва маънавӣ таъкид менамояд, ки маданияти сиёсӣ имконият медиҳад, ки ба вазъияти сиёсӣ хуб сарфаҳм рафт, ба ҳодисаҳои рӯйдода баҳои дуруст дод, бо кордонӣ мушахасс сохт, ки кӣ кӣ ҳаст ва интихоби дурустро кард.

Дар зербоби 2.2. масъалаҳои тарғибу ташвиқи андешаҳои ифротӣ ва тундагроии динӣ дар шабакаҳои иҷтимоӣ баррасӣ гардидаанд. Ба андешаи муаллиф, ҷаҳонишавии равандҳои иттилоотӣ на танҳо имкониятҳои навро барои пешрафти инсоният боз кард, балки як силсила таҳдидҳои сифатан нави глобалӣ, аз ҷумла, осебпазирии ҷомеаи ҷаҳонӣ дар баробари тааррузи ҷинояткорона дар соҳаи амниятро ба вуҷуд овард. Инчунин қайд мегардад, ки терроризм дар шабакаи Интернет падидаи хеле пуртаҳаррук (динамикӣ ) мебошад. Шабакаҳои иҷтимоии иттилоотӣ ба ташкилотҳои террористӣ ва ифротӣ имконияти нодир медиҳанд, ки амалан доир ба ҳар як шахси воқеӣ ё ҳуқуқӣ маълумоти пурра дарёфт намоянд. Технологияи интернетӣ ба ташкилотҳои ифротӣ ва террористӣ имконияти васеи дастрасӣ ба маълумоти зарурӣ, ба шумораи зиёди одамон, махфӣ нигоҳ доштани номи худ, интиқоли зуди иттилоот, арзонии таъсиси сомона ва баҳрабардорӣ аз он, имконияти истифодаи воситаҳои ахбори омма, имконияти таъсиисиаудио ва видеоканалҳоро медиҳад.

Зербоби 2.3. ба омӯзиши роҳҳои пешгирӣ намудани тундгароии динӣ ва муқовимат намудан бо таъсири манфии ин падидаи номатлуб бахшида шудааст. Дар ин зербоб қайд мегардад, ки бунёдгароии динӣ яке аз падидаҳое мебошад, ки ба суботи давлат ва рушди устувори он таҳдид мекунад. Тундгароии динӣ бештар барои кишварҳои сермиллат ва сермазҳаб хатар дорад, чунки ифрогарой аз тааллуқияти миллӣ ва динӣ ба манфиатҳои ғаразноки худ истифода мебарад.

Таҳқиқоти мазкур дар заминаи омӯзиши адабиёти илмӣ анҷом дода шудааст. Аз ин рӯ, хулосаҳои муаллиф ва натиҷаҳои таҳқиқот илман асоснок

гардидаанд. Инчунин дар раванди омӯзиши ин масъала муаллиф методҳои илмии мувофиқро истифода намудааст. Эътимоднокии хулосаҳо ва натиҷаҳои таҳқиқот бо методҳои истифоданамудаи муаллиф асоснок карда мешаванд.

Натиҷаҳои асосии диссертатсия дар мақолаҳои илмии муаллиф инъикос гардида, дар маҷаллаҳои илмии тақризшаванда нашр шудаанд. Диссертатсия ва нашрияҳои илмии муаллиф бо риояи қоидаҳои иқтибосоварӣ таҳия гардида, ҳамаи сарчашмаҳои истифодашуда тибқи талабот нишон дода шудаанд. Автореферати диссертатсия муҳтавои асосии таҳқиқотро дарбар мегирад.

**Натиҷаҳои мушаххаси илмӣ (бо нишон додани навгонӣ, аҳамияти илмӣ ва амалии онҳо), ки барои он ба довталаб додани дараҷаи илмии дархостшаванда мумкин аст.** Дар таҳқиқоти мазкур бори аввал дар илмҳои сиёсии ватанӣ таъсири идеологияи тундгароии динӣ ба ҳаёти иҷтимоию сиёсии ҷомеаи Тоҷикистон ба таври маҷмуӣ мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор дода шудааст. Инчунин ҷиҳатҳои алоҳидаи навоварии илмӣ дар бандҳои зерин ифода гардидаанд: моҳияти мафҳумҳои «тундгароии динӣ» ва «ифротгароии динӣ» баррасӣ гардида, дар заминаи он сарчашмаҳои идеявӣ, стратегия ва тактикаи тундгароии динӣ таҳқиқ гардидааст; заминаҳои иҷтимоӣ, идеологӣ, иҷтимоӣ-фарҳангӣ ва ҷаҳонбинии густариши тундагроии динӣ таҳлил гардида, омилҳои бавуҷудоварандаи ин падидаҳои манфӣ нишон дода шудааст; раванди ташаккулёбии маданияти сиёсию ҳуқуқии ҷавонони муосири Тоҷикистон мавриди омӯзиш қарор дода шуда, хусусиятҳои муҳимми он дар давраи ҷаҳонишавӣ баррасӣ гардидааст; роҳу воситаҳои баланд бардоштани маърифатнокии сиёсии ҷавонон таҳлилу таҳқиқ гардида, омилҳои муассирноки муқовимат ба тундгароии динӣ нишон дода шудааст; нақши шабакаҳои иҷтимоӣ дар паҳнкунии ғояҳои тундгароии динӣ ва ифротгароӣ нишон дода шуда, оид ба муқовимат ба паҳншавии ғояҳои тундгароӣ тавсияҳои амалӣ пешниҳод гардидаанд.

Масъалаҳое, ки дар таҳқиқоти диссертатсионии довталаб таҳқиқ гардидаанд, бори аввал матраҳ мешаванд. Аз ин рӯ, бо боварии комил гуфтан мумкин аст, ки таҳқиқоти мазкур дар пешгирии тундгароии динӣ рушди низоми амнияти миллӣ саҳми назаррас мегузорад. Ғайр аз ин, дар таҳқиқоти довталаб самтҳои нави таҳқиқотие ошкор карда шудаанд, ки дар оянда метавонанд мавриди омӯзиш ва пажӯҳиш қарор гиранд ва роҳу усулҳои таъмини амнияти миллиро боз ҳам беҳтар гардонанд.

Аҳамияти назариявии натиҷаҳои таҳқиқот, пеш аз ҳама, аз он иборат аст, ки дар рисола моҳияти тундгароии динӣ ва ифротгароии динӣ ба таври маҷмуӣ муайян карда шудааст, заминаҳои идеологӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии онҳо ошкор карда шудаанд, мазмуни амали сиёсии онҳо дар бисёр минтақаҳои ҷаҳон кушода дода шудааст. Асосноккунии назариявии сабаби зуҳури ифротгароии динӣ метавонад дар тадқиқоти минбаъдаи ин падидаи манфӣ истифода бурда шавад.

Маводи диссертатсия метавонад дар таҳияи нақшаҳо ва барномаҳои таълимӣ, ҳамчунин дар курсҳои махсус оид ба фанҳои исломшиносӣ, диншиносӣ, сиёсатшиносии этникӣ, равоншиносии (психологияи) ҳуқуқӣ, низоъшиносӣ, сиёсатшиносӣ, фалсафаи иҷтимоӣ ва ғайра мавриди истифода қарор гиранд. Маводи диссертатсия ҳамчунин метавонад дар фаъолияти кормандони оперативии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва тартибот, сохторҳои қудратӣ, ҳамчунин, ба сифати маводи таълимӣ барои шунавандагону донишомӯзони мактабҳои олӣ ва омӯзишгоҳҳои ҳарбӣ, мақомоти корҳои дохилӣ, Кумитаҳо ва хадамоти амнияти миллӣ, донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода бурда шавад.

Дар таҳқиқоти мазкур норасоиҳо низ дида мешаванд, ки онҳоро ба таври зерин нишон медиҳем:

1.Дар диссертатсия ҷанбаҳои ҳуқуқии пешгирӣ намудани тундгароии динӣ нишон дода нашудааст. Масалан, санадҳои меъёрию ҳуқуқии байналхалқие, ки дар онҳо масъалаҳои тундгароии динӣ ва терроризм маҳкум шудаанд, хеле кам ба назар мерасанд.

2.Ба он нигоҳ накарда, ки дар таҳқиқот масъалаҳои мубрами ҷомеаи Тоҷикистон таҳлилу таҳқиқ гардидааст, муаллиф таҷрибаи давлатҳои хориҷиро дар самти мубориза бо тундгароии динӣ камтар ба инобат гирифтааст.

3.Хуб мебуд агар дар доираи як параграфи алоҳида нақш ва мавқеи ҷомеаи шаҳрвандӣ дар самти мубориза бо тундгароии динӣ нишон дода мешуд.

Бояд зикр намуд, ки эродҳои мазкур ба мазмуну муҳтавои диссертатсия таъсири манфӣ намерасонанд. Аз ин рӯ, ба муаллиф тавсия мегардад, ки дар таҳқиқоти минбаъдаи худ онҳоро ба инобат гирифта, мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор диҳад.

**Мутобиқати диссертатсия ва тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ.** Диссертатсияи Хоҷаев Ҳикматулло Ҳимматович ба омӯзиши яке аз масъалаҳои муҳимтарини ҷомеаи Тоҷикистон бахшида шуда, дар илмҳои сиёсии ватанӣ иқдоми хеле муҳим мебошад. Диссертатсияи мазкур кори мустақилона анҷомёфтае мебошад, ки сохтори он тибқи талаботи муқарраргардида таҳия шудааст. Дар раванди таҳқиқот миқдори зарурии адабиёти илмӣ истифода гардидааст. Адабиёти истифодашуда ба масъалаи омӯхташаванда ва масъалаҳои баррасигардида робитаи бевосита доранд. Гузашта аз ин, диссертатсия аз рӯйи мазмуну мундариҷа бо ихтисоси интихобнамуда мувофиқат менамояд. Дар маҷмуъ, адабиёти омӯхташуда, маводи истифодашуда, баррасиҳои муаллиф, хулосаҳои асосии диссертатсия, мазмуну мундариҷаи он, методҳои илмии истифодагардида бо ихтисоси 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияи сиёсӣ мувофиқат менамоянд. Тахассуси илмии довталаб низ барои дарёфти дараҷаи илмӣ мувофиқат менамояд.

Ҳамин тариқ, диссертатсияи Хоҷаев Ҳикматулло Ҳимматович дар мавзуи «Тундгароии динӣ ва паҳншавии он дар шароити тағйирпазирии

ҷомеа (таҷрибаи Тоҷикистон)» ба талаботи пешбининамудаи бандҳои 31 ва 33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267 (бо тағйиру иловаҳо бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.06.2023, №295) тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад. Диссертатсияи мазкур таҳқиқоти мукаммал ва мустақилона анҷомёфта ба шумор рафта, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.02 – ниҳодҳо, равандҳо ва технологияи сиёсӣ мебошад.

Тақризи мазкур дар маҷлиси кафедраи сиёсатшиносӣ ва муносибатҳои байналмилалии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав муҳокима гардида, тасдиқ шудааст (аз 27.03.2025, протоколи №7).

Раиси маҷлис,
доктори илмҳои сиёсӣ,
профессор /_____________/ Саидов А.С.

Котиби маҷлис,
муаллими калони кафедра: /_____________/ Одиназода Н.Х.

Лоиҳаи тақриз омода гардид
аз ҷониби номзади илмҳои
сиёсӣ, дотсент /_______________/ Мадвалиев Ҷ.

Имзоҳои профессор Саидов А.С., муаллими калон Одиназода Н.Х. ва дотсент Мадвалиев Ҷ.-ро тасдиқ менамоям.
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси ДДБ ба номи Носири Хусрав
Исозода Т.И. ___________________________

735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
вилояти Хатлон, ш.Бохтар, кӯчаи Айнӣ 67.
Тел.: +(992)3222-2-54-81
E-mail: ktsu78@mail.ru
Сомонаи расмӣ: www.btsu.tj